«Маъқул дониста шуд»
Шӯрои ҳамоҳангсозии
фаъолияти мақомоти санҷишӣ
______________________________
Аз «03» март соли 2017с
Протоколи № 2.

« Тасдиқ мекунам»
Сардори Бозрасии давлатии
назорат дар соҳаи телевизион
ва радиошунавонии Кумитаи
телевизион ва радиои назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________________ Ализода С.
«28» феврали 2017с.

***Номгӯи масъалаҳои назоратии соҳаи телевизион, радиошунавонӣ ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, ки тибқи онҳо аз тарафи Бозрасии давлатии назорат дар соҳаи телевизион санҷиш гузаронида мешавад***

***1. Муқаррароти умумӣ.***

1.1. Номгӯи мазкур дар асоси моддаи 25 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия карда шуда, номгӯи масъалаҳои назоратиеро, ки тибқи он санҷиш дар соҳаи телевизион, радиошунавонӣ ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ гузаронида мешавад, муайян менамояд.

1.2. Шахсони ваколатдори санҷишкунанда дар соҳаи телевизион ва радио тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин **Номгӯ** фаъолияти худро ба амал мебароранд.

***2. Номгӯи масъалаҳои назоратии фаъолияти субъектҳои хоҷагидори соҳаи телевизион, радио ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ, ки санҷиш гузарониад мешавад.***

- Риояи тартиби таҳия ва таъмини амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи телевизион ва радиошунавонӣ;
- Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз ҷониби ташкилотҳои телевизион ва радио;
- Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи телевизион ва радиошунавонӣ» ва дигар санадҳои меъёрӣ аз ҷониби ташкилотҳои телевизион ва радио, ки ба воситаҳои электронии ахбори умум алоқамананданд;
- Риояи қонунгузории соҳавӣ дар барномаҳову гуфторҳо ва ахбори телевизиону радио, ки аз эфир пахш мешаванд ва риояи талаботи сифати техникии пахш;
- Риояи тартиби истифодаи шабакаҳои пахш барои паҳн намудани барномаҳои телевизион ва радио;

- Риояи тартиби истифодаи пахши шабакаҳои кайҳонӣ, компютерӣ ва шабакаҳои дигар, аз ҷумла интернет;
- Риояи тартиби истифодаи шабакаи пахши ноқилӣ (кабелӣ);
- Мувофиқати таркиб ва мазмуни барномаҳо бо мақсаду вазифаҳои ташкилотҳои телевизион ва радиошунавонӣ ва тахассуси он;
- Риояи мӯҳлатҳои муқарраршудаи нигаҳдории сабти овозҳо ва сабтҳои видеоии барномаҳо баъди аз эфир гузаштан;
- Риоя шудани баҳисобгирӣ ва қайди барномаву гуфторҳои дар эфир пахшгардида;
- Риояи тартиби истеҳсол ва паҳн кардани ахбори умум аз тариқи ҳамагуна воситаҳои техникии пахшкунӣ новобаста аз тобеияти идоравӣ ва шакли моликияташон;
- Риояи тартиби истифодаи таҷҳизот барои истеҳсол ва паҳн намудани маҳсулоти аудиовизуалӣ;
- Мувофиқати таркиб ва мазмуни маҳсулоти аудиовизуалӣ бо мақсаду вазифаҳои ташкилотҳо (студияҳо) ва тахассуси он;
- Риоя шудани баҳисобгирӣ ва қайди маҳсулоти аудиовизуалии истеҳсол ва паҳншуда;
- Риояи иҷрои меъёрҳои техникӣ, стандартҳо, сертификатҳо аз ҷониби ташкилотҳо (студияҳо);
- Риояи тартиби истифодабарии маводи аудиовизуалии беруна;
- Риояи сифати техникии истеҳсол ва паҳн кардани маҳсулоти овозӣ, визуалӣ ва аудиовизуалӣ;
- Риояи бандҳои иҷозатнома оид ба телевизион, радиошунавонӣ ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ;
- Риояи пахши барномаҳо тибқи ҷадвали пахши барномаҳои тасдиқшуда;
- Риояи тартиби нусхабардорӣ, паҳн ва истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ аз ҷониби студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ;
- Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама» дар барномаҳои телевизион ва радио;